Іарвандаи граждани №2-583

# ХАЛНОМА
## аз номи Чумхурии Точикистон

Суди шахри Хучанди вилояти Сугд дар хайати раисикунанда Рахматов , бо котибии Маърифов Н., бо иштироки даъвогар Иброхимов А. А, зяндаи чавобгар Гафоров Ш.Я. дар мачлиси ошкорои суди дар шахри інд,

**21 апрели соли 2011**

парвандаи граждани бо даъвои Иброхимов Абдуазиз Абдучалилович ба бгарии Шуъбаи хифзи мухити зисти шахри Хучанд «Дар бораи мавриди карор додани беамалии макомоти худидоракунии махалли» - ро барраси уда –

**Муайян кард:**

Даъвогар Иброхимов А.А. ба суд бо аризаи даъвоги нисбат ба беамалии ьбаи хифзи мухити зисти ш.Хучанд мурочиат намуда дар он зикр цааст, ки рузи 21 октябри соли 2010 барои гирифтани маълумот вобаста то чи андоза аз корхонаи спиртистехсолкунии ш.Хучанд вокеъ дар аллаи 34 дар натичаи хорич гаштани газхо ва партовхо ба махити зист ва гу саломатии шахрвандон зарар мерасонад, оё партовхои дар натичаи ехсоли спирт ба вучуд омада,ки чорво истеъмол мекунаду минбаъд мон гушти онро истифода мебаранд ба саломатии онхо зиёновар мебошад лешниход намудани хулосаи ташхиси (экспертиза)-и экологии корхонаи курро талаб кардааст. Дар навбати худ аз тарафи Шуъбаи хифзи мухити ги ш.Хучанд ба даъвогар посух дода шудааст, ки дар мурочиат бояд сабаб ба кадом максад зарур будани маълумот нишон дода шавад. Бинобар он, мурочиаташ нишондодхои кумитаи хифзи мухити зисти ш.Хучандро дар магирифт ба у аз додани маълумот рад карда шудааст. Бо назардошти он, талаби у конуни буда мувофики санадхои хукукии байналмиллали лбини шудааст ва ин маълумот ба сирри давлати алокаманди надорад аз хохиш намудааст, ки шуъбаи хифзи мухити зисти шахри Хучанд барои дани чавоби хатти, ки дар мурочиатномаи даъвогар оварда шудааст ва юи ба у супоридани нусхаи хулосаи ташхиси (экспертиза)-и экологи, ки ба юхонаи спиртистехсолкунии вокеъ дар махаллаи 34-уми ш.Хучанд юкаманди дорад, ухдадор карда, ба манфиаташ харочоти суди руёнида вад.

Дар мачлиси суди даъвогар Иброхимов А.А. талаби даъвояшро дастгири муда чунин баёнот дод, ки тахминан моххои сентябр – октябри соли 2010 нгоми дар машгулиятхои семинарие, ки бо ташаббуси ташкилотхои мъияти баргузор гардидааст, иштирок доштанаш хабардор мешавад, ки вофики Созишномаи байналмиллали Орхус барои гирифтани маълумот р бораи мухити зист хар як шахси манфиатдор хукук дорад, дар сурати ар ин маълумот дорои сирри махфиро доро набошад. Сипас, барои муайян мудани он холате, ки дар натичаи хорич шудани газ аз корхонаи иртистехсолкунии вокеъ дар ш.Хучанд махаллаи 34-ум то кадом дарача ба ухити зист зарар расонида мешавад ба Кумитаи хифзи мухити зисти

ш.Хучанд мурочиат намуда талаб кардааст, ки ба у чавоб бо зи маълумотхо пешниход карда шавад. Аммо зиёда аз 7 мох сипари мешава аз тарафи Кумитаи хифзи мухити зисти ш.Хучанд мурочиати пешн кардааш бе чавоби дакик боки мондааст. Бинобар он, ки у ба нобуд шу мухити зист дар канор монда наметавонад, инчунин ба мурочиаташ ча пурра дода нашудааст аз суд конеъ намудани даъвояшро пурсид.

Дар мачлиси суди намояндаи чавобгар Гафоров Ш. даъворо эъти намуда чунин нишондод дод, ки дар хакикат ба Кумитаи хифзи мухити з ш.Хучанд Иброхимов А. дар хусуси пешниход намудани маълумотнома ба гази хоричшаванда аз корхонаи спиртистехсолкунии ш.Хучанд вокеъ махаллаи 34-ум рузи 21 октябри соли 2010 мурочиат намудааст. Ар Иброхимов А. аз тарафи кумита мавриди барраси карор дода шуда бо ма аз 10 ноябри соли 2010 тахти №449 посух дода шудааст, ки барои гириф маълумот максади талаби онро бояд иброз намояд, аммо мебоист ба чавоб дода шавад. Мурочиати Иброхимов А. конуни мебошад ва с давлатиро дар бар намегирад. Азбаски хулосаи экологи ба корх спиртистехсолкунии вокеъ дар суроғаи ш.Хучанд, махаллаи 34-ум аз та Кумитаи хифзи мухити зисти назди Хукумати Чумхурии Точикистон шудаасту он дар хамин Кумита карор дорад, дар вакти аз тарафи пешниход шудани мухлат дастрас карда нашудааст. Дар сурати аз та Кумита пешниход шудани хулоса бе мамоният ба Иброхимов А. дас карда мешавад.

Суд дахлдори, ҷоизи, саҳеҳии ҳар як далелро дар алоҳидаги, инч басандаги ва алоқаи мутақобилаи ин далелҳоро дар маҷмӯъ баҳои ху дод.

Тибки мукаррароти моддаи 10 Конститутсияи (Сарконуни) Чумх Точикистон санадхои хукукии байналмиллалие, ки Точикистон он эътироф кардааст, кисми таркибии низоми хукукии чумхуриро та медиханд.

Созишномаи Созмони Миллали Муттахид «Дар бораи хукук дастрасии маълумот, хукуки иштирок дар раванди кабули карорх дастраси ба адолат» (Созишномаи Орхус) аз чониби Мачлиси намоянда Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон 9 июни соли 2001 эътироф к шудааст ва он пас аз интишори расми мавриди амал карор дода шудааст.

Мувофики талаботи моддаи 2 зербанди 4 – и Созишномаи номбар шахси вокеъи ё хукуки новобаста аз он, ки у шахрванди Чумх Точикистон аст ё не, хукуки талаб кардани маълумоти экологиро аз шах мансабдор ва макомотхои давлатиро доранд.

Мутобики моддаи 4 хамин Созишнома мурочиаткарда вазифадор ки дар мурочиати худ сабаб ва максади талаб кардани чунин маълумот нишон дихад.

Дар мачлиси суди муайян гардид, ки талаботхои зикршудаи са меъёрии хукукии байналмиллали аз тарафи Кумитаи хифзи мухити з ш.Хучанд риоя карда нашудаанд чунончи, даъвогар ба ин Кумита б гирифтани маълумот мурочиат намудааст, лекин ба у чавоби сахех, к ваколати Кумитаи хифзи мухити зист мансуб мебошад, дода нашудааст.

олат бо маводхои парвандаи граждани ва баёнотхои тарафхо тасдики худро фт.

Суд кайд менамояд, ки талаботи Фармоиши Хукумати Чумхурии очикистон аз 3 июли соли 2002, ки Барномаи милли чихати дастрас амудани иттилоот ва иштироки ахли чомеа дар раванди кабули карорхо ва долати суди доир ба масъалахои марбути хифзи мухити зист аз чониби умитаи хифзи мухити зисти ш.Хучанд низ риоя нашудаанд.

Ин асосхо боиси вайрон шудани хукукхои даъвогар оид ба дастрас амудани иттилоот ва ичро нашудани талаботхои Созишнома, инчунин онуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи мурочиати шахрвандон» оварда асонидааст, ки дар натича хукукхои конуститутсионии Иброхимов А. аладор шудаанд.

Аз ин ру, суд конеъ карда шудани даъвои мазкурро ба максад мувофик едонад.

Хамчунин, суд мувофики моддаи 100 Кодекси мурофиавии граждании умхурии Точикистон масъалаи руёнидани харочоти судиро аз хисоби авобгар мухокима намуд.

Дар асоси моддахои 198 – 203 ва 258 – и Кодекси мурофиавии раждании Чумхурии Точикистон, суд –

**х а л  к а р д:**

Даъвои Иброхимов Абдуазиз Абдучалилович конеъ карда шавад.

Шуъбаи хифзи мухити зисти шахри Хучанд оид ба мурочиатномаи брохимов Абдуазиз Абдучалилович барои додани маълумотнома ва поридани нусхаи хулосаи ташхиси (экспертиза)-и экологи дар хусуси рхонаи спиртистехсолкуни вокеъ дар махаллаи 34 – уми ш.Хучанд, дадор карда шавад.

Аз хисоби Шуъбаи хифзи мухити зисти ш.Хучанд ба манфиати брохимов Абдуазиз Абдучалилович харочоти суди ба маблаги 1 сомонию дирам руёнида шавад.

Аз болои ҳалнома дар давоми як моҳ пас аз гирифтани нусхаи он вассути ҳамин суд ба суди вилояти Суғд шикоят овардан мумкин аст.

**Раисикунанда**      **Раҳматов И.Д.**